ЛОИҲА

Бо Қарори Раёсати
Бонки миллии
Тоҷикистон аз
[таърихи рӯз]
№ ________
тасдиқ шудааст

# Роҳнамо
# “Дар бораи восита ва усулҳо барои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ”

ЛОИҲА

## Роҳнамо "Дар бораи восита ва усулҳо барои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ"

Роҳнамои мазкур бо мақсади такмил додани низоми идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ таҳия шуда, таъмини риояи талаботи Роҳнамои мазкур барои ҳама ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад.

## Муқаддима

1. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади такмил додани низоми идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ маҷмӯи воситаҳои идоракунии хавфи қарзӣ, аз ҷумла меъёри хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни хеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонатро муайян намуда, дар роҳнамои мазкур талабот ва тартиби ҳисобкунии ҳар яки онҳоро муқаррар намудааст.

## Меъёри хизматрасонии қарз

2. Ташкилоти қарзӣ барои баҳогузории қобилияти қарзадокунии муштарӣ меъёри хизматрасонии қарзро (минбаъд – "МХҚ") истифода мебарад, ки он тибқи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{МХҚ}=\frac{\text{Ҳамаи пардохтҳои муштарӣ аз рӯи уҳдадориҳои қарзӣ дар давоми яксоли оянда}}{\text{Даромадҳои солонаи муштарӣ бо тарҳи андоз}}$$

3. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми ҳисоб намудани МХҚ бояд маблағи ҳамаи пардохтҳои муштариро дар давоми як соли оянда аз рӯи уҳдадориҳои қарзии мавҷуда ва ё қарзии пешниҳодшаванда, аз ҷумла уҳдадориҳои қарзӣ дар назди дигар қарздеҳон, ки аз маблағи асосии қарз, фоиз ва ҳаққи хизматрасонии он иборат мебошад, ба инобат гирад.

4. Пардохтҳои муштарӣ аз рӯи ҳамаи уҳдадориҳои қарзӣ дар асоси ҳисоботи молиявии муштарӣ, аз ҷумла ҳисоботи молиявии аудитгузашта, маълумотҳо аз махзанҳои иттилоотии дохилӣ ва бюроҳои таърихи қарз муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, барои

муайн намудани даромади солонаи муштарӣ ҳисоботи молиявии он, аз ҷумла ҳисоботи молиявии аудит гузашта, маълумоти дастрасшуда аз корфармои муштарӣ, эъломияҳои андозӣ, махзанҳои иттилоотии дохилӣ ва берунаи дигари муносиб истифода бурда мешаванд.

5. Ташкилоти қарзӣ барои муқаррар намудани ҳудудҳои дохилии МХҚ муштариёни худро аз рӯи намуди маҳсулоти қарзӣ, бахши иқтисодӣ, ҳаҷми маблағи қарз, минтақа, гурӯҳи хавф ва ғайра гурӯҳбандӣ менамояд.

6. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бо назардошти таҳаммули ташкилоти қарзӣ ба хавф ҳудудҳои дохилии МХҚ-ро барои ҳар як гурӯҳи муштариён ба андозаи аз 35 то 45 фоиз муқаррар менамоянд. Андозаи ҳудуди дохилии МХҚ барои қарзҳои ипотекӣ на зиёда аз 40 фоиз муқаррар карда мешавад.

7. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми пешниҳоди қарз ба муштарӣ ё зиёд намудани маблағи қарзи мавҷуда, ҳар як муштариро барои ҷавобгӯ будан ба ҳудудҳои дохилии муқарраршудаи МХҚ баҳогузорӣ менамояд. Дар ҳолате, ки андозаи МХҚ-и муштарӣ аз ҳудуди дохилии муқарраршуда зиёд гардад, ташкилоти қарзӣ пешниҳоди қарз ё зиёд намудани маблағи қарзи мавҷударо ба ин гуна муштарӣ манъ менамояд.

8. Ташкилоти қарзӣ МХҚ-ро ҳадди ақалл ҳар нимсола барои қарзҳои калони мавҷуда ва ҳадди ақалл ҳар сол барои дигар қарзҳои мавҷуда таҳлил менамояд. Дар ҳолате, ки андозаи МХҚ-и муштарӣ аз ҳудуди дохилии муқарраршуда зиёд гардад, барои ташкилоти қарзӣ ҳамчун огоҳии пешакӣ оид ба паст шудани сифати қарз буда, чунин қарзро ҳадди аққал ба гуруҳҳои “зери назорат” ё “ғайриқолабӣ” тасниф менамояд ва ҳангоми зиёдтар шудани тафовут, қарз ба дигар гурӯҳҳои хавфи баландтар тасниф шуда, аз рӯи он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон фонд ташкил карда мешавад.

## Таносуби қарз ба гарав

9. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми қабули қарори қарз бояд пеш аз ҳама ба қобили пардохт будани фаъолияти тиҷоратии

маблағгузоришаванда, иқтидори муштарӣ барои аз ҳисоби даромади фаъолияти тиҷоратӣ баргардонидани қарз, иқтидори қарзгир барои идоракунии хавфҳои тиҷоратӣ ва хавфҳои молиявии хоси фаъолияти тиҷоратӣ ва имконияти қарзадокунии қарзгир такя намояд. Дар ин раванд таносуби қарз ба гарав (минбаъд – "ТҚГ") ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои иловагӣ ҳангоми қабули қарори қарзӣ истифода бурда мешавад.

10. ТҚГ маблағи қарзро нисбат ба арзиши молу мулке, ки аз тарафи қарз маблағгузорӣ карда мешаванд ва ё ҳамчун гарав барои ҳамин қарз пешниҳод карда мешаванд, ҳисоб менамояд.

11. Ташкилоти қарзӣ дар раванди маблағгузории амволи ғайриманқули истиқоматӣ ва тиҷоратӣ, ё дар ҳолати ҳамчун гарави қарз ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод намудани амволи ғайриманқул, ки ё истиқоматӣ ё тиҷоратӣ мебошад, ТҚГ-ро истифода мебарад.

12. Амволи ғайриманқули истиқоматӣ ҳамчун амволе, ки хусусияти истиқоматӣ дошта, дар доираи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор ишғоли он бо мақсади истиқомат иҷозат дода шудааст, муқаррар карда мешавад. Амволи ғайриманқуле, ки истиқоматӣ нест ҳамчун амволи ғайриманқули тиҷоратӣ муқаррар карда мешавад.

13. ТҚГ ҳамчун таносуби маблағи қарз ба арзиши амволи ғайриманқул, ки аз тарафи ташкилоти қарзӣ ҳамчун гарав пас аз қонеъ гардонидани ҳама талаботҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ қабул шудааст, тибқи формулаи зерин ҳисоб карда шуда, бо фоиз ифода карда мешавад.

$$\text{ТҚГ}= \frac{\text{Маблағи қарз}}{\text{Арзиши амволи ғайриманқул}} \text{ x } 100$$

14. Маблағи қарз бақияи он, бақияи маблағи гирифтанашудаи ҷудокардашудаи қарз ва ҳама гуна фоизи баҳисобгирифташударо дар бар мегирад. Агар ташкилоти қарзӣ таҳти гарави як амвол қарзҳои гуногун дода, онҳо аз рӯи навбат ба тартиб даровардашуда бошанд (яъне, ҳуқуқи боздошти он амвол аз тарафи ташкилоти қарзии дигар вуҷуд надошта бошад), маблағи чунин қарзҳо бояд барои ҳисоби ТҚГ ҷамъ карда шаванд.

15. Маблағи қарз бе назардошти тарҳи ҳама гуна захира ва гарави дигар, ғайр аз суратҳисобҳои амонатӣ ва пасандозии ҳамчун таъминоти қарз дар ташкилоти қарзӣ гузошташуда, ки танҳо бо мақсади баргардонидани қарз пешниҳод шудаанд, баҳисоб гирифта мешаванд.

16. Ҳангоми ҳисоб кардани ТҚГ маблағи қарз бо назардошти рафти пардохти қарз дар муҳлати амали қарз тарҳ карда мешавад.

17. Дар ҳолати он, ки ҳуқуқи дуюмдараҷаи боздошти амволи гарав аз тарафи ташкилоти қарзии дигар, ки аз ташкилоти қарзии дорои ҳуқуқи аввалия фарқ дорад, пешниҳод карда шудааст, маблағи қарзи ҳама гуна ҳуқуқҳои дуюмдараҷаи боздошт бояд ҳама гуна қарзҳои дигар, ки дорои ҳуқуқи баробар ё баландтар аз ҳуқуқи боздошти ташкилоти қарзии қарздиҳанда, бо мақсади муайян кардани меъёри таносуби қарз ба гарав нисбати ҳуқуқи боздошти сатҳи пасттарро дар бар мегирад. Дар ҳолати вуҷуд доштани маълумоти ғайрикофӣ барои муқаррар кардани афзалиятнокии ҳуқуқҳои боздоштҳои дигар, ташкилоти қарзӣ қабул мекунад, ки ин ҳуқуқҳои боздошт дорои рутбаи ба ҳуқуқи дуюмдараҷаи аз тарафи он нигоҳдошташаванда баробар мебошанд.

18. Амволи ғайриманқул дар доираи роҳнамои мазкур хона, ҳуҷраҳои истиқоматӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва дафтарҳои кориро дарбар мегирад. Корхонаҳои саноатӣ (сехҳо, фабрикаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайра) ба инобат гирифта намешаванд.

19. Амволи ғайриманқул, ки арзиши зиёда аз 1 млн. сомонӣ аз тарафи нархгузори мустақил ва арзиши дигар намуди амволи ғайриманқул аз тарафи нархгузори мустақил ё сохтори дахлдори худи ташкилоти қарзӣ баҳо дода шуда, онҳо ҳадди ақалл дар се сол як маротиба бояд азнавбаҳогузорӣ карда шаванд.

20. Дар ҳолати тағйирёбанда будани шартҳои бозор ва ё ғайрифаъол шудани қарз азнавбаҳогузорӣ бояд ҳадди ақалл дар як сол як маротиба гузаронида шавад.

21. Баҳогузорӣ бо истифодаи меъёрҳои консервативии мақбул бояд аз раванди харидори намудани ипотека ва барасмиятдарории қарздиҳӣ ва қабули қарор оид ба додани қарз мустақил гузаронида

шавад.

22. Бо мақсади таъмини баҳодиҳии дурусти амвол, баҳодиҳӣ бояд бе назардошти ҳама гуна пешгӯиҳо дар самти баланд шудани нархи амвол гузаронида шавад ва бо назардошти он, ки имконияти арзиши ҷории бозорӣ ба таври назаррас аз арзиши устувор дар тамоми мӯҳлати қарз ҷой дорад, тағйир дода мешавад.

23. Агар имконияти муқаррар намудани арзиши бозории амвол ҷой дошта бошад, натиҷаи баҳодиҳии он аз арзиши бозорӣ баланд шуда наметавонад. Дар ҳолате, ки қарзи ипотекӣ барои маблағгузории хариди амволи ғайриманқул истифода бурда мешавад, арзиши амвол бо мақсади ҳисоб намудани ТҚГ аз нархи воқеии харид баланд шуда наметавонад.

24. Арзиши амвол дар аввали оғоз намудани муносибатҳо муқаррар карда мешавад ва дар ҳолати ба амал омадани ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва фарқкунанда, ки ба коҳишёбии мунтазами арзиши амвол оварда мерасонад, ташкилотҳои қарзӣ бояд арзиши амволро аз нав дида бароянд. Агар арзиши амвол паст карда шавад, тағйироти минбаъда барои баланд намудани арзиш, то сатҳи на баландтар аз арзиши ибтидоии амвол гузаронида шуда метавонад. Тағйироти ба амвол воридшуда, ки арзиши онро бевосита баланд мебардорад, дар меъёри таносуби қарз ба гарав ба назар гирифта мешавад.

25. Дар ҳолати шубҳанок будани баҳогузории амвол, мақоми назоратӣ метавонад ҳангоми таснифоти қарз ва ташкили фонд аз рӯи он баҳогузории мазкурро ба инобат нагирад.

26. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бояд ҳудудҳои дохилиро барои ТҚГ муқаррар намуда, чунин ҳудудҳо барои амволи ғайриманқули истиқоматӣ ва амволи ғайриманқули тиҷоратӣ дар алоҳидагӣ муқаррар карда шавад.

27. ТҚГ барои қарзҳои нав, ки баъд аз дар амал татбиқ гаштани роҳнамои мазкур дода мешаванд, барои амволи ғайриманқули истиқоматӣ на зиёда аз 80 фоиз ва барои амволи ғайриманқули тиҷоратӣ на зиёда аз 60 фоиз муқаррар карда мешавад.

28. Барои қарзҳое, ки ТҚГ-и онҳо аз ҳудудҳои дар боло

муқаррароршуда баландтар мебошанд, меъёри хавфи 150 фоиза дар ҳолати гарави амволи ғайриманқули истиқоматӣ доштан ва меъёри хавфи 200 фоиза дар ҳолати гарави амволи ғайриманқули тиҷоратӣ доштан, муқаррар карда мешавад.

29. Ташкилоти қарзӣ бояд ТҚГ-ро ҳангоми оғоз намудани муносибаҳои қарзӣ ҳисоб намуда, меъёрҳои мазкурро ҳар нимсола аз нав мавриди баррасӣ қарор диҳад.

30. Ташкилоти қарзӣ бояд барои қарзҳое, ки ТҚГ-и онҳо зиёда аз 100 фоиз мебошад нақшаи чорабиниҳо омода намуда, баъд аз тасдиқи он аз тарафи Шӯрои нозирон ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

31. Нақшаи чорабиниҳо бояд роҳҳои то ҳудудҳои дар роҳнамо пешбинишуда ё ҳудудҳои дохилӣ паст намудани ТҚГ, муҳлати паст кардани он дар доираи дувоздаҳ моҳ аз санаи дар амал татбиқ шудани роҳнамои мазкур ё аз санаи вайрон кардани ҳудуди дар роҳнамо пешбинишуда, кадоме баъдтар бошад пешбинӣ намояд.

## Хавфи қарзҳои таъминнабуда

32. Сатҳи баланди қарзҳои таъминнабуда метавонанд ба солимӣ ва бехатарии ҳам ташкилотҳои қарзӣ дар алоҳидагӣ ва ҳам низоми бонкӣ дар маҷмӯъ таҳдид намоянд, бинобар ин Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бояд ҳудудҳои дохилиро барои қарзҳои таъминнабуда муқаррар намояд.

33. Ҳудудҳои дохилӣ аз тарафи ташкилоти қарзӣ ҳамчун фоизи қарзҳои таъминнабуда дар таркиби сандуқи қарзӣ, ё ҳамчун фоизи қарзҳои таъминнабуда ба сармояи асосии соф ва ё ҳарду дар асоси таҷрибаи ташкилоти қарзӣ, таҳаммули он ба хавф ва профили хавфи қарздорони ташкилоти қарзӣ муқаррар карда мешаванд. Ҳудуд метавонад барои қарз дар алоҳидагӣ ва ё сандуқи қарзӣ дар маҷмӯъ муайян карда шавад.

34. Тибқи роҳнамои мазкур қарзҳои таъминнабуда қарзҳое мебошанд, ки:

а. дар доираи Замимаи 4-и Дастурамали 215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти

имконпазир аз рӯи дороиҳо", ғайр аз замонатҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ додашуда ягон гарави моддӣ надоранд;

б. танҳо бо кафолати аз тарафи шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқии ғайрибонкӣ таъмин карда шудаанд;

в. гарави моддии онҳо аз 25 фоизи маблағи умумии бақияи қарз (аз ҷумла фоизҳои ҳисобшуда) камтар мебошад.

35. Қарзҳое, ки бақияи онҳо аз 25 000 сомонӣ барои камтар мебошанд, ҳангоми ҳисоб кардани хавфи қарзҳои таъминнабуда ба инобат гирифта намешаванд.

36. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми ҳисоб намудани хавфи қарзҳои таъминнабуда ҳама уҳдадориҳои қарзии муштарӣ ва ҳаҷми таъминоти барои чунин уҳдадориҳои муштарӣ ҳисобкардашударо ба инобат мегирад.

37. Дар ҳолате, ки қарзҳои таъминнабудаи ташкилоти қарзӣ зиёдтар аз 20 фоиз, лекин баробар ё камтар аз 25 фоизи қарзҳои умумии он бошад, қарзҳои нави таъминнабудаи ташкилоти қарзӣ аз 10 фоизи қарзҳои нави умумии он набояд зиёд бошад.

38. Дар ҳолате, ки қарзҳои таъминнабудаи ташкилоти қарзӣ зиёдтар аз 25 фоизи қарзҳои умумии он бошад, қарзҳои нави таъминнабудаи ташкилоти қарзӣ аз 5 фоизи қарзҳои нави умумии он набояд зиёд бошад.

39. Ташкилоти қарзӣ барои қарзҳои таъминнабудае, ки зиёда аз 20 фоиз, лекин баробар ё кам аз 25 фоизи қарзҳои умумии онро ташкил менамоянд вазни хавфи 150 фоиз ва барои қарзҳои таъминнабудае, ки зиёда аз 25 фоизи қарзҳои умумии онро ташкил менамоянд вазни хавфи 200 фоиза бояд муқаррар намояд.

## Хавфи асъории муштариёни ҳеҷнашуда

40. Ташкилоти қарзӣ бояд осебпазирии худро вобаста ба хавфи асъорӣ ба воситаи идоракунии ҳудудҳои асъори хориҷӣ идора намояд. Хавфи асъорӣ аз як тараф бевосита бинобар тағйирёбии қурби асъор ба ташкилоти қарзӣ таъсир расонад, аз тарафи дигар бинобар ба қобилияти қарзадокунии муштариён таъсири манфӣ расонидан, ба хавфи қарзӣ табдил ёфта, фаъолияти ташкилоти

қарзиро осебпазир менамояд. Хавфи қарзие, ки дар натиҷаи табдилёбии хавфи асъорӣ ба вуҷуд меояд тавассути маҷмӯи воситаҳои зерин идора карда ё коҳиш дода мешавад:

а. манъи додани қарз бо асъори хориҷӣ ба муштариёни ҳеҷнашуда;
б. муқаррар кардани ҳудуди таҳаммули хавф барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ, аз ҷумла маҳдудият бо ифодаи мутлақ ба қарзҳо бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ва ё маҳдудияти фоизӣ нисбат сармояи асосии соф ва ё сандуқи қарзӣ;
в. нигоҳ доштани сатҳи баландтари захира ва фонд барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ;
г. нигоҳ доштани сатҳи баландтари сармоя барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ;
д. ба раванди баҳогузории ҳолати қарзадокунии муштарӣ илова кардани баҳодиҳии осебпазирии ҳеҷнашудаи қарздорӣ бо асъори хориҷӣ ва таъсири он ба иқтидори қарзадокунии муштарӣ;
е. дастрас шудани сатҳи баландтари гарав барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ;
ж. муқаррар намудани меъёри фоизи баландтар барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ.

41. Ташкилоти қарзӣ дар доираи роҳнамои мазкур ҳангоми ҳисоб кардани меъёри кифоятии сармоя барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ ба қарздорони ҳеҷшуда вазни хавфи 125 фоиза ва барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ ба қарздорони ҳеҷнашуда вазни хавфи 150 фоизаро бояд муқаррар намояд.

42. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ дар баробари меъёрҳои мавқеи асъорӣ, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд бояд ҳудудҳои дохилиро нисбат ба қарзҳо бо асъори хориҷӣ муқаррар намояд.

43. Ҳудудҳои дохилӣ барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ алоҳида барои муштариёни ҳеҷшуда ва барои муштариёни ҳеҷнашуда муқаррар карда мешаванд. Ҳудуди дохилӣ аз тарафи ҳар як ташкилоти қарзӣ дар доираи таҷрибаи худи ташкилот, таҳаммули он ба хавф ва профили қарздорони он муқаррар карда мешавад.

44. Ташкилоти қарзӣ бояд имконияти вуҷуд доштани ҳеҷкунии

муштариро ҳангоми оғози муносибатҳои қарзӣ ва ҳангоми ба вуҷуд омадани хавфи қарзии иловагӣ муайян намояд. Инчунин, бояд ҳадди ақалл ҳар нимсола барои муштариёни дорои қарзи калон ва ҳадди ақалл ҳарсол барои дигар муштариён ҷой доштани воситаҳои ҳеҷкуниро баррасӣ намояд.

## Таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ

45. Барои ташкилоти қарзӣ вобаста ба хавфҳои таҷаммӯъ меъёрҳои мақбул барои а) як қарзгир ва ё гуруҳи қарзгирони алоқаманд; б) хавфи қарзҳои калон; в) андозаи хавф ба як қарзгир – ташкилоти қарзӣ; ва д) андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир – шахсони алоқаманди ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шуданд

46. Дар баробари меъёрҳои мақбули муқарраршуда ташкилоти қарзӣ бояд тақсимоти сандуқи қарзии худро бо мақсади пешгириихавфҳои эҳтимолии аз ноустуворӣ ё осебпазириҳои бахшҳои муайяни иқтисодӣ ва ҳубобҳои иқтисодӣ ба амал меомада, таъмин намояд.

47. Ташкилоти қарзӣ бо мақсади таъмини тақсимоти сандуқи қарзӣ,ҳудудҳои қарзиро аз рӯи бахшҳои гуногуни иқтисодиёт дар асоси таҳлили хавфҳои дар ин бахшҳо ҷойдошта муқаррар менамояд.

48. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми андозагирии хавф аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ, на танҳо хавфҳои қарзиро аз рӯи қарздиҳӣ ба муштариёни дар бахшҳои муайяни иқтисодиёт фаъол ба инобат мегирад, балки хавфҳои аз маблағгузориҳои сармоявӣ ва қарзӣ ба шахсони ҳуқуқии бахшҳои гуногуни иқтисодӣ ба амал меомадаро низ ба инобат мегирад.

49. Ташкилоти қарзӣбарои андозагирии сатҳи таҷаммӯи қарзҳои он аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ Индекси Ҳерфиндал-Ҳиршманнро (Herfindahl-Hirschman Index) (минбаъд –“ИҲҲ”) бояд истифода барад. Индекси мазкур ҳамчун ҳосили ҷамъи квадрати ҳиссаи қарз аз рӯи бахши алоҳидаи иқтисодиёт нисбат ба маҷмӯъи қарзҳои ҳама бахшҳои иқтисодиёт ҳисоб карда мешавад. Тартиби ҳисоб намудани ИҲҲ тибқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ИҲҲ = (Ҳ_1)^2 + (Ҳ_2)^2 + (Ҳ_3)^2 + … + (Ҳ_n)^2,$$

*ки дар инҷо ($X_n$) – ҳиссаи қарз аз рӯи бахши иқтисодии “n” ҳамчун фоиз аз ҳама бахшҳои иқтисодӣ мебошад*

50. Ташкилоти қарзӣ баҳогузории сатҳи таҷаммӯъро аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ дар доираи ҷадвали зерин ба роҳ монда, намунаи тартиби ҳисоб кардани ИҲҲ барои таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ дар Замимаи роҳнамои мазкур нишон дода шудааст.

| ИҲҲ | Сатҳи таҷаммӯъ |
|---|---|
| Камтар аз 1000 | Гуногунрангии сатҳи хуб |
| 1000 то 1800 | Таҷаммӯъи мӯътадил |
| 1800 ва зиёдтар | Сатҳи баланди таҷаммӯъ |

51. Дар ҳолати ҷой доштани сатҳи баланд ё мӯътадили таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ, Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ барои қарзҳо аз рӯи бахшҳои алоҳидаи иқтисодӣ ҳудудҳои дохилиро муқаррар менамояд.

52. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ вобаста ба бахшҳои иқтисодие, ки дар онҳо зиёда аз 25 фоизи ҷамъи қарзҳо дода шудаанд барои паст кардани қарзҳо дар ин бахшҳо то сатҳи имконпазир дар мӯҳлати аз 12 то 24 моҳ накшаи чорабиниҳо таҳия менамояд.

53. Дар ҳолате, ки ташкилоти қарзӣ дорои сатҳи баланди таҷаммӯъдар бахши алоҳидаи иқтисодӣ мебошад, яъне ИҲҲ 1800 ва ё аз он зиёд мебошад, он бояд сармояи иловагӣ нигоҳ дошта, барои қисми қарзҳои бахшҳои алоҳидае, ки аз 25 фоизи ҷамъи қарзҳо зиёд мебошанд, вазни иловагии хавфи 50 фоиза татбиқ намояд.

## Таносуби қарз ба амонат

54. Ташкилоти қарзӣ бояд маблағҳои худро тавре идора намояд, ки имконияти нигоҳ доштани сатҳи муайяни пардохтпазирӣ барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат, талабот ва захираҳои Бонки миллии Тоҷикистон дошта бошад. Қарз аз бозори молиявӣ, қарзҳои байнибонкӣ, қарз аз Бонки миллии Тоҷикистон, амонатҳои ноустувор ва яклухт одатан бояд барои додани қарз истифода бурда нашаванд.

55. Ташкилоти қарзӣ барои пешниҳоди қарзҳо асосан аз

сарчашмаҳои эътимоднокӣ маблағгузориҳои устувор, ба монанди сармояи асосии соф, маблағҳои ҷалбнамудаи миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат бояд истифода барад. Маблағгузориҳои стратегӣ (дарозмӯҳлат ё мунтазам) ба ширкатҳои дохили гурӯҳ ё ширкатҳои дигар ва сармоягузориҳо ба воситаҳои асосӣ (қитъаи замин, бино, мебел ва таҷҳизот) ҳангоми ҳисоб кардани таносуби қарз ба амонат тарҳ карда мешаванд. Илова ба қарздиҳӣ, додани қарз инчунин ба воситаи обуна ба воситаҳои сармоявӣ ва қарзӣ, ки аз тарафи субъектҳои иқтисодӣ нашр карда мешаванд, гузаронида мешавад.

56. Ташкилоти қарзӣ барои идора намудани хавфҳое, киазманбаҳои ноустувори маблағгузорӣ ба амал меоянд бояд таносуби қарз ба амонатро (минбаъд – “ТҚА”) истифода барад.

57. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ ҳудудҳои дохилии таҳаммули хавфро барои ТҚА муқаррар менамоянд ва асосан таносуби мазкур аз 100 фоиз камтар бояд бошад.

58. Дар ҳолати ҷой доштани сатҳи баланди ТҚА ташкилоти қарзӣ барои идора намудани ё коҳиш додани хавфҳои аз ҳолати мазкур ба миён меомада бояд чораҳои дахлдорро андешад.

59. Дар ҳолати ТҚАаз ҳудуди дохилӣ зиёдтар будан, ташкилоти қарзӣ бояд вобаста ба вазъият дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ чораҳои зеринро андешад:

– додан ё пешниҳоди қарзҳои навро (қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ) манъ намояд;

– сатҳи қарзҳоро ба воситаи баргардонидани қарзҳои батаъхирафтода кам намояд;

– воситаҳои сармоявӣ ва қарзии аз тарафи субъектҳои иқтисодӣ баровардашударо фурушад;

– амонатҳоро зиёд намояд;

– сармояи асосии софро зиёд намояд;

– қарзгириҳои устувори миёнамӯҳлат ё дарозмӯҳлатро зиёд намояд.

60. Ташкилоти қарзӣ ТҚА-ро ҳадди ақалл ҳар моҳ бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб менамояд.

$$\text{ТҚА} = \frac{\text{Бақияи қарзҳо + Маблағгузориҳои сармоявӣ ва қарзӣ, ки аз субъектҳои иқтисодӣ гирифта шудаанд}}{\text{Ҷамъи амонатҳо + Сармояи асосии соф –Сармоягузориҳои стратегӣ –Воситаҳои асосӣ + Қарзгирии устувор}} \times 100$$

61. Ҳангоми ҳисоб кардани ТҚА, мафҳумҳои зерин мунтазам истифода бурда мешаванд:

а. *Бақияи қарзҳо*: Ҷамъи қарзҳои пардохтнашуда, изофабардошт ва вомбаргҳои харидашуда;

б. *Сармоягузорӣ ба саҳмияҳои аз тарафи субъектҳои иқтисодӣ баровардашуда*: маблағи умумии саҳмияҳои аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва қарздорон баровардашуда, бе назардошти (тарҳи) маблағи сармоягузориҳои стратегӣ;

в. *Сармоягузорӣ ба воситаҳои қарзии аз тарафи субъектҳои иқтисодӣ баровардашуда*: Маблағи умумии сармоягузорӣ ба воситаҳои қарзӣ, ки аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва қарздорон бароварда шудаанд. Маблағи ба воситаҳои қарзӣ, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, ҳукуматҳои маркази дигар ва бонкҳои маркази дигар бароварда шудаанд ба инобат гирифта намешаванд;

г. *Ҷамъи амонатҳо*: Бақияи умумии маблағи амонатҳо, аз ҷумла бақияи маблағи амонатҳои дархостшаванда, пасандозӣ ва мӯҳлатнокро бе назардошти бақияи маблағи сертификатҳои амонатии тарафи ташкмлоти қарзӣ баровардашуда;

д. *Сармояи асосии соф*: Маблағи сармояи асосии соф, ки дар доираиталаботҳои ҳисоб кардани кифоятии сармоя, баъд аз тарҳҳои дахлдор барои ҳисобкунии кифоятии сармоя;

е. *Сармоягузориҳои стратегӣ*: Сармоягузорӣ ба воситаҳои сармоявӣ ва қарзии (i) ширкатҳои фаръии ташкилоти қарзӣ, ширкатҳои муштарак ва алоқаманд, (ii) ширкатҳои дохили гурӯҳе, ки ташкилоти қарзӣ аъзо мебошад ва (iii) ширкатҳое, ки ташкилоти қарзӣ бо мақсадҳои стратегӣ сармоягузориҳои худро дар онҳо нигоҳ доштан мехоҳад;

ж. *Воситаҳои асосӣ*: Маблағи арзиши қитъаи замин, бино, мебел, таҷҳизот ва гарави барои бозфуруш гирифташуда;

з. *Қарзгирии устувор*: Бақияи маблағи воситаҳои қарзии аз тарафи ташкилоти қарзӣ баровардашуда, ки дар онҳо мӯҳлати ибтидоӣ ба се сол ё зиёда аз он баробар аст ва мӯҳлати боқимондаи онҳо зиёда аз як сол мебошад. Инчунин, бақияи маблағи қарзи субординарӣ (дар доираи талаботҳо барои ҳисобкунии кифоятии сармоя), ки дар он мӯҳлати боқимонда аз як сол зиёд аст ба инобат гирифта мешавад.

62. Ташкилотҳои қарзӣ, ки дорои ТҚА-и зиёда аз 100 фоиз мебошад, ба Бонки миллии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳои аз тарафи Шӯрои нозирон тасдиқшударо оид ба коҳиш додани меъёр то 80 фоиз ё аз он пасттар дар давраҳои муқарраршуда, аммо дар доираи шаш моҳ аз санаи дар амал қарор гирифтани Роҳнамои мазкур ё аз санаи вайрон карда шудани талабот, кадоме баъдтар аст, пешниҳод менамояд.

## Интизориҳои назоратӣ

63. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бояд сатҳҳои ҷории меъёрҳои хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонатро барои баҳогузории сатҳҳои ҷории осебпазирии онҳо ба қисмҳои гуногуни хавфи қарзӣ, баррасӣ намояд. Ин гуна баҳогузориҳо ба таври муносиб ҳуҷҷатгузорӣ шуда, ҳамчун ҳуҷҷати муҳим ба Шӯрои нозирон барои муайян кардани сохторҳои назорати дохилӣ, идоракунии хавфҳо, мувофиқа ва аудити дохилӣ барои хавфи қарзӣ ва хавфи таҷаммӯи қарзӣ, пешниҳод карда мешавад.

64. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ дар доираи талаботҳои роҳнамои мазкур барои (i) муайянкунӣ, андозагирӣ, мониторинг ва идоракунии осебпазирии ташкилоти қарзӣ ба хавфи қарзӣ ва хавфи таҷаммӯи қарзӣ, ва (ii) таъмини истифодаи мунтазами меъёрҳои хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонатро ҳамчун воситаҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ, бояд талаботҳои муносиби дохилиро муқаррар

намояд.

65. Талаботҳои меъёрҳои хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонат бояд бо назардошти андоза, мураккабӣ ва профили хавфии ташкилоти қарзӣ омода карда шуда, ҳадди ақалл бояд ҳолатҳои зеринро дарбар гирад:

а. ҳудудҳои дохилӣ ва тақсимоти онҳо байни зинаҳои дахлдори кормандон мушаххас ва муайян карда шаванд;

б. истифода бурдани ҳудуди муносиби хавфи қарзӣ, ки дар ҳолати аз он гузаштан, меъёрҳои зикргардида муқаррар карда мешаванд. Дар доираи роҳнамои мазкур меъёрҳо нисбат ба ҳама қарздории муштариён, ки талаботи маҷмуии ташкилоти қарзӣ аз 25 000 сомонӣ зиёд аст татбиқ карда мешавад;

в. омода намудани сиёсат, низом ва равандҳо барои андозагирӣ, мониторинг ва идоракунии хавфҳои қарзӣ ва таҷаммӯи қарзҳо бо назардошти меъёрҳои мазкур. Инчунин, чораҳо барои ҳолатҳои ба ҳудуди муқарраршуда наздик шудан ё вайрон шудани онҳо ба инобат гирифта шавад.

г. ҷой доштани низомҳои иттилоотии муносиб барои андозагирӣ, мониторинг ва мувофиқакунии ҳудудҳои муқарраршуда, ки имконияти мунтаззам мувофиқа кардани меъёрҳоро таъмин намоянд. Бо назардошти он, ки меъёри хизматрасонии қарз ва таносуби қарз ва гаравдар сатҳи муштариёни алоҳида истифода ва ҳисоб кардан мешаванд, низоми иттилоотӣ имконияти ҳисоб кардани меъёрҳои мазкурро ҳангоми оғози муносибатҳои қарзӣ бояд таъмин намоянд. Инчунин, бо мақсади таъмини имконияти ҷорӣ кардани чораҳои муносиб барои коҳиш додани хавф, аз ҷумла ҳангоми таснифоти қарз баъд аз гирифтани низ барои пайгирӣ намудан ва ё мониторинг намудан шароит фароҳам оваранд. Илова бар ин, низоми иттилоотӣ бояд барои муайян кардани қарздорони ҳеҷнашуда ва баҳогузории сатҳи хавфи аз чунин қарздорон ба амал меомада имконият фароҳам оваранд.

д. баҳодиҳии ҳадди ақалли солона оид ба кифоятии ҳудудҳои

дохилӣ нисбати меъёрҳои хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонатро таъмин намоянд.

е. баҳодиҳии кифоятии фонду захира ва сармояро барои хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ, хавфҳои асъори хориҷӣбо назардошти зарари воқеӣ ва имконпазири аз ин гуна хавфҳо ба амал меомада, вуҷуд доштан ва кифоя будани гарав барои бартараф намудани чунин хавфҳо ба роҳ монад шавад;

ж. низомҳои назорати дохилӣ додани ҳисоботи саривақтиро ба сатҳҳои дахлдори роҳбарият оид ба истисноҳо дар сиёсат, тартибот ва ҳудудҳо таъмин намоянд.

з. низомҳои самарабахши мувофиқа ва аудити дохилӣ, ки мавҷудият, кифоятӣ ва самарабахшии низом ва равандҳои назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳоро барои а) истифодаи меъёрҳои мазкурро ҳамчун воситаҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ, б) баҳогузории хавфҳои баландтар, ки аз ҳолатҳои вайрон кардани ҳудудҳои дар доираи меъёрҳои мазкур муқаррашуда ба вуҷуд меоянд баррасӣ ва баҳогузорӣ намуда, ба Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ оид ба масъалаҳои дар боло зикршуда пешниҳоди ҳисоботро таъмин намоянд.

66. Ташкилоти қарзӣ, ки дар он меъёри хизматрасонии қарз зиёда аз 50 фоиз мебошад ё дар он меъёрҳои таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонат аз ҳудудҳои муқаррар намуда зиёд мебошанд, бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳои аз тарафи Шӯрои нозирони тасдиқшударо барои а) ҳалли хавфҳои аз ин гуна ҳолатҳо ба амал меомада, б) пешгирии хавфҳое, ки аз ғайрифаъол шудани чунин қарзҳо ба миён меояд, в) то сатҳи ба ҳудудҳо мувофиқ паст намудани ҳолатҳои ҷойдошта ва г) таъмини он, ки чунин вайронкуниҳо такрор намешаванд, пешниҳод намоянд.

67. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ ҳудудҳои меъёрҳои меъёрҳои хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои

қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонатро ҳадди ақалл ду бор дар як сол бознигарӣ намуда, чораҳои ислоҳотиро барои таъмини риояи ҳудудҳо андешанд. Инчунин, Шӯрои нозирон чунин бознигариҳоро барои баррасӣ ва навсозии сохторҳои дар боло қайдшуда ва такмили самаранокии чунин сохторҳо истифода мебарад.

68. Новобаста аз ҳолатҳои дар болоовардашуда, Бонки миллии Тоҷикистон мониторинги мунтазами меъёрҳои хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонати ташкилоти қарзиро гузаронида, бо назардошти муҳимият ва шиддатнокии вазъият, инчунин хавфҳои мавҷуда, ки ба фаъолияти босубот ва бехатарии ташкилоти қарзии алоҳида ё низоми молиявӣ таъсир мерасонанд, чораҳои муносиби назоратиро меандешад.

69. Илова бар ин, дар ҳолате, ки нақшаҳои чорабиниҳои ташкилоти қарзӣ оид ба идора кардани хавфҳои аз сатҳи баланди меъёри хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ ва таносуби қарз ба амонат ба вуҷуд меомада, муносиб нестанд ё татбиқ карда намешаванд ё натиҷаҳои хоҳам намеоранд, Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои дахлдори назоратиро меандешад.

70. Ташкилоти қарзӣ талаботҳои роҳнамои мазкурро ба Шӯрои нозирони худ пешниҳод намуда, мутобиқ намудани санадҳои меъёрии дохилии худро вобаста низомҳои идоракунии хавфҳо, назорати дохилӣ, комплаенс ва аудити дохилӣ дар муҳлати се моҳ баъд аз санаи эътибор пайдо кардани роҳнамои мазкур бояд таъмин намояд.

71. Ташкилоти қарзӣ бояд ба Шӯрои нозирони худ вобаста ба аз нав дида баромадани санадҳои меъёрии дохилии худ дар доираи талабот ва интизориҳои дар роҳнамо дарҷгардида, ҳисобот пешниҳод намояд.

72. Нусхаи чунин ҳисобот ба Бонки миллии Тоҷикистон бо

шарҳу эзоҳ ва мушоҳидаҳои Шӯро дар муддати чор моҳ баъд аз санаи эътибор пайдо кардани ин роҳнамо, пешниҳод карда мешавад.

| **Намуна барои усули ҳисоб кардани Индекси Ҳерфиндал – Ҳиршман (ИҲҲ) барои таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисод** | | | |
|---|---|---|---|
| **Бахшҳои иқтисод** | **Сатҳи осебпазирӣ (миллион сомонӣ)** | **Ҳисса (%) дар ҷамъи осебпазириҳо** | **Квадрати ҳисса дар ҷамъи осебпазирӣ** |
| Саноат | 6.4 | 0.1 | 0.0 |
| Хоҷагии қишлоқ | 73.3 | 1.4 | 1.9 |
| Ташкилотҳои қарзӣ | 0.0 | 0.0 | 0.0 |
| Алоқа | 2 457.5 | 46.6 | 2 168.3 |
| Нақлиёт | 1 254.5 | 23.8 | 565.0 |
| Савдо ва тиҷорат | 735.2 | 13.9 | 194.1 |
| Сохтмон | 123.3 | 2.3 | 5.5 |
| Ипотека | 45.9 | 0.9 | 0.8 |
| Истеҳсолот | 234.4 | 4.4 | 19.7 |
| Хизматрасонӣ | 89.1 | 1.7 | 2.9 |
| Бахши давлатӣ | 6.6 | 0.1 | 0.0 |
| Қарзҳои истеъмолӣ | 124.5 | 2.4 | 5.6 |
| Ғайра | 126.4 | 2.4 | 5.7 |
| **Ҷамъи осебпазирӣ** | **5 277.6** | 100.0 | 2 969.5 |
| **ИҲҲ барои таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисод** | | | **2 970** |